Иброҳим Халилов - таҳлилгари сиёсӣ.

# ТАЪСИРИ МАНФИИ ФАСЛИ БАҲОР БА ПАЙРАВОНИ ТЭТ НАҲЗАТ!

Таҷрибаҳои таърихӣ ва раванди муборизаҳои инсоният барои таъмини сулҳу субот ва ҳифзи амнияти саросарӣ исбот намудаанд, ки мавҷудияти созмонҳои экстремистӣ террористӣ, таҳдиди ҷиддие барои инсоният ба ҳисоб меравад. Созмонҳои ифротгаро, аслан бо роҳи паҳн намудани иттиллоотҳои дуруғу сохта, ғаразнок, радикалӣ ва ғайра кушиши амалӣ намудани мақсадҳои худ мегарданд. Тули чанд муддат аст, ки дар шабакаҳои иҷтимоӣ аъзоёни созмони ифротгарову террористии ҳизби наҳСат, бо паҳн намудани маълумотҳои зидди миллӣ талоши ба хатар мувоҷеҳ сохтани миллати тоҷикро доранд. Пайравони ҳизби наҳСатӣ ифротӣ, ки мақсади асосиашон нобуд сохтани давлату миллат мебошад ва барои амалӣ сохтани ин ғаразҳои нопоки худ аз хадамоти истихборотии давлатҳои муайян маблағҳои бузурге гирифтааст.

Бо ин мақсад аз ҷониби М.Сагруддин, М.Кабирӣ ва дигарон дар сомонаҳои иҷтимоӣ хабару маълумотҳои дуруғу ифротӣ паҳн карда мешавад, ки он ҳама миллати тамаддунофару озодаи тоҷикро дар байни дигар миллатҳо доғдор менамояд.

Бояд гуфт, ки М.Сагруддин бо як гурӯҳ хоинони миллат бо афкори хусуматноки худ дар сомонаҳои иҷтимоӣ баромадҳои пучу бемазмун намуда, мехоҳанд, ки сулҳу салоҳи миллатро аз байн баранд. М.Сагруддин ба монанди роҳбари ҳарзагуву ифротгарояш М.Кабирӣ бозичаҳои дасти хоҷагони хориҷиаш буда, боз бо андешаи хоинонааш мехоҳад, ки мардумро фиреб ва фирефтаи худ гардонад. Бояд қайд намуд, ки ин афрод ҳаргиз ба ҳадафҳои нопоки худ намерасанд. Чунки имрӯз ҳар як фарди тоҷик кӣ будани хоинони миллат, аз қабили  Кабириву Сагруддин бохабар буда, арзиши бузурги истиқлолу озодӣ ва рушди кишварро дарк намуда, қаҳрамону фидоии миллати худро хуб медонанд.

Аз ҳамин лиҳоз ҳама гуна хабарҳое, ки тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ аз тарафи хоинони миллат паҳн карда мешавад ин маҳз як фитнаангезӣ мебошаду бас. Халқи меҳнатқарини тоҷик қаҳрамон он касеро мешуморад, ки барои Ватану меҳан, миллат ва халқи худ камари ҳиммат баста, хизмат мекунад ва ба халқу миллати худ содиқ мемонад, на ба монанди Кабириву Сагруддин бозичаи дасти дигарон шуда, аз берун лофи ғамхорӣ ба шаҳрвандони худ мезанад.

Дар ин ҷо мехоҳам як нуқтаро қайд намоям, ки пайравони ташкилоти

террористии ҳизби наҳСат, умуман ҳақ надоранд, ки дар бораи Ваҳдату Истиқлоли давлати миллати тоҷик ҳарф зананд. Мардуми тоҷик аз хотир намебарорад, ки наҳСатиҳои ифротӣ дар охири асри гузашта Тоҷикистонро ба вартаи ҷанг ва бӯҳрони иқтисодӣ гирифтор карда буда, хуни ҳазорон бегуноҳро рехта буданд. Ҳазорон нафарро бехона карда, дар мулки ғарибӣ сабабгори пайдо шудани қабристони тоҷикон гардида буданд. Боиси хушнудис, ки имрӯз Ватани азизамон дар арсаи ҷаҳонӣ ба яке аз давлатҳои зебову бошукӯҳ табдил ёфтааст. Албатта ин ҳолат ба Кабириву ҳамсафонаш писанд нест, бинобар ин боз баҳри фитнаангезӣ дар сомонаҳои иҷтимоӣ фаъол гардидаанд, ки ҳамаи ин аз амалҳои номардонаи онҳо шаҳодат медиҳад.

Дар маҷмуъ ҳаминро таъкид намудан зарур аст, ки ин хоинони милллат ҳеҷ гоҳ ба мақсадҳои нопоки худ намерасанд ва дар баробари ин ҳар як фарди тоҷикро зарур аст, ки зидди ин хоинони наҳзатӣ муборизаҳои судманд бурда, амнияту истиқлоли худро ҳифз намояд.
https://www.facebook.com/share/p/156wSo4e9d/